# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи “Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “15” 12 соли 2025* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯ-докторант Икромӣ Фазлиддин Нуриддин (Икромов Фазлиддин Нуриддинович), соли таваллудаш 16.07.1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014 ихтисоси «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.01.2020с, №08 тасдиқ карда шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Қодирзода Д.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Икромӣ Ф.Н. аз 1-уми декабри соли 2024 то инҷониб ба ҳайси докторанти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Икромӣ Фазлиддин Нуриддин соли 2018 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Институциональные основы развития рынка ценных бумаг Республики Таджикистан» аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.

Ба Икромӣ Фазлиддин Нуриддин бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2023 № 7 унвони дотсент аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт” дода шудааст (рақами қайди шаҳодатномаи дотсенти № 0566).

Вобаста ба мавзуи диссертатсионии “Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия” Икромӣ Фазлиддин Нуриддин 53 маводи илмӣ, аз он ҷумла 28 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, инчунин 2 монографияи муаллифӣ аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамоянд.

## *II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи “Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Вобаста ба мавзуи диссертатсионии “Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия” Икромӣ Фазлиддин Нуриддин 53 маводи илмӣ, аз он ҷумла 28 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, инчунин 2 монографияи муаллифӣ аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи “Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

- Назирӣ Гулбаҳор Назир – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

- Ризозода Тура Раббим – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳикматов У.С.